# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Фарҳудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Фарҳудинов Ҷамшед Исроилович фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, шаклҳои нави хоҷагидорӣ, истеҳсолӣ маҳсулотҳои гуногуни хоҷагии халқ, истифодаи самараноку оқилонаи замин, ҳифзи заминҳои корам ва дар ин самтҳо пайдо шудани хавфҳо зарурияти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзиро ба миён овардааст.

Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ дар давраи соҳибистиқлолии кишвар, ба ҳисоби миёна дар ҳар ду рӯз як офати табиӣ ба вуҷуд омадааст, ки аз ин намуди офати табиии нисбатан паҳншуда (ба ҳисоби миёна 70 ҳолат дар як сол) ин омадани сел ва фаромадани тарма мебошад, ки дар худ хисоротҳои калони иқтисодиву иҷтимоӣ ва талафотҳои ҷониву молиро ба бор овардааст. Омадани сел ва боридани жолаҳои пайдарпай бештар ба сектори кишоварзӣ, бахусус ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ таъсири худро расонида истодааст.

Ҳамаи ин ҳолатҳои табиӣ боис ба он гаштаанд, ки дар бозорҳои дохили маҳсулотҳои кишоварзӣ камчин гардида, арзишашон нисбатан баланд гарданд. Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ, ба ҳолати 1 январи соли 2022 дар истифодаи корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ 6 миллиону 953 ҳазору 866 гектар замин, аз он 682 ҳазору 828 гектар замини обӣ қарор дорад. Заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар муқоиса бо ҳисоботи солонаи замин ба ҳолати 1 январи соли 2021 майдони умумии 24 ҳазору 349 гектар, аз он 2 ҳазору 96 гектар замини обӣ кам шудааст. Заминҳои корами ҷумҳурӣ 205 гектар ва майдони корами обӣ 246 гектар кам шудааст, дар ҳоле, ки Тоҷикистон, аслан кишвари аграрӣ буда, аз лиҳози ҷуғрофӣ барои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ созгор мебошад. Гузашта аз ин, шумораи умумии аҳолӣ рӯ ба афзоиш дорад, ки қонеъ гардонидани талаботи биологиву экологии онҳо аҳаммияти стратегӣ дорад.

Ҳамин тавр истифодаи самараноку оқилонаи қитъаҳои замин, рушди босуръату бемайлони истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулотҳои аз лиҳози экологӣ тоза ва содироти он ба кишварҳои хориҷӣ суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

Дар робита ба рушди босуръати бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба муомилоти маданӣ ворид гардидани замин, нақши суғуртакунии қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ нақшу аҳамияти шартнома ҳамчун воситаҳои асосии барасмиятдарорӣ ва танзими муносибатҳо дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ баландтар мегардад.

Дар ин миён механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба хизматрасониҳои суғуртавӣ хусусан қисмати асосии шартномавии он ба андозаи кофи ба вазъи муосири муомилоти мадании хизматрасониҳои суғуртавӣ ҷавобгӯй намебошад.

Боби 53 КМ ҶТ ба "Суғуртакунӣ" бахшида шудааст, ки аз 45 модда иборат буда дар онҳо меъёрҳои умумӣ ва махсуси суғуртакунӣ пешбинӣ шудааст. Аммо нисбат ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ умуман сухан намеравад.

Зимнан моддаҳои мазкур қоидаҳои умумӣ ва якхелаи намудҳои шартномаи суғуртаро муайян мекунад. Ҳол он ки ҳар қадами ин шартномаҳо дорои хусусиятҳои муҳиме мебошанд, ки аз предмети онҳо бармеоянд.

Заминаи кунунии меъёрии ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ин васила ба таҷдид ниёз дошта, баъзе масъалаҳои муҳимми дигари марбут ба мафҳумҳои "шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо дастгирии давлатӣ", "шартномаи суғуртаи хоҷагиҳои кишоварзӣ", "шартномаи суғуртаи истеҳсол, нигаҳдорӣ ва фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ" ва таносуби байни онҳо, мафҳуму тавсифи ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, предмет ва шартҳои дигари шартнома ва ғайра баҳсбарангез боқӣ мемонда дар навбати худ, таҳлили амиқи илмиро бо мақсади такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, хусусан танзими шартномавии онҳо талаб мекунад.

Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ  таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳукуки маданӣ, хусусан шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, предмет ва шартҳои дигари шартнома мусоидат мекунад. Тахлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи Фархудинов Ҷамшед Исроилович пешкаш шудаанд, инчунин тахлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши таҷрибаи судӣ оид ба хизматрасониҳои суғуртавӣ ба муомилоти маданӣ ворид гардидани замин, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснок таҳлил шудааст.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии танзими

ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд.

1. Диссертатсия тахкиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуқтаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Таргиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикисгон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Таргиби додани дараҷаҳои илмй, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳги №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Фархудинов Ҷамшед Исроилович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Фархудинов Ҷамшед Исроилович маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Мукарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Аминова Фарида Маҳмадаминовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия;

- Бобоев Ҷамрод Қурбонович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Сангинзода Д.Ш.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Имомова Н.М.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

06.02.2024